С. САТТОРОВ, Ҷ. ОХУНОВ,
М. ЯҲЁЕВ, А. АЛИЕВ

# СУРУД ва МУСИҚӢ



2

С. САТТОРОВ, Ҷ. ОХУНОВ, М. ЯҲЁЕВ, А. АЛИЕВ

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМИ
МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст



Душанбе
«Маориф»
2016

ББК 26.8 я 72

С. Сатторов, Ҷ. Охунов, М. Яҳёев, А. Алиев. Суруд ва мусиқӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, Душанбе, «Маориф», 2016, 104 саҳ.

Ҷадвали истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ISBN 978-99975-928-1-1

© Маориф, 2016.
Моликияти давлат



Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# СУРУДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оҳанги Сулаймон Юдаков** **Шеъри Гулназар Келдӣ**

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!


Ботантана
Ди - ё - ри арч - - - - - - ман - ди мо,
Ба бах - ти мо са - ри а - зи - зи ту ба -
ланд бод, Са - о - да - ти ту, дав - ла -
ти ту бе - га - занд бод. Зи ду - ри -
и за - мо - на - ҳо ра - си - да-ем, Ба зе - ри
ff
пар - ча - ми ту саф ка-ши - да - ем, ка - ши - да - ем,
Зин - да бош, эй Ва - тан, То - чи кис - то - ни
оз - зо - ди ман! Ба - ро - и нан.
1

Нутқи моро бо воситаи ҳарфҳо менависанд. Оё медонед, ки садои мусиқиро чӣ гуна менависанд?

Мусиқиро бо аломатҳои зерин менависанд, ки ***нота*** ном доранд:



**Нотаи пурра**



**Нотаи чорякӣ**



**Нотаи нисфӣ**



**Нотаи ҳаштякӣ**

Ба ёд овардед, ки шаклҳои навишти нотаҳо давомнокии садоро дар мусиқӣ нишон медиҳад.

Ба ҷадвали зерин нигаред ва ҷузъҳои асосии навишти нотаро дар хотир нигоҳ доред:

| | | |
|---|---|---|
|  сараки нота |  дастаи нота |  думчаи нота |

**Машқро иҷро кунед**

*Тарзи навишти нотаро бо шаклҳои гуногун дар дафтар машқ кунед. Онҳо аз якдигар бо чӣ фарқ мекунанд? Фарқи онҳоро баён кунед.*



# ШАРОФИДДИН САЙФИДДИНОВ

Оҳангсози тоҷик, дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) ва баъд дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе таҳсил кардааст. Соли 1952 шуъбаи миллии Консерваторияи давлатии шаҳри Маскав ва соли 1962 Консерваторияи шаҳри Тошкандро хатм кардааст.

Шарофиддин Сайфиддинов аввалин оҳангсози тоҷик аст, ки опера офаридааст.

Эҷодиёти Шарофиддин Сайфиддинов бо анъанаҳои миллии мусиқии халқи тоҷик сахт алоқаманд аст.

Шарофиддин Сайфиддинов як қатор сурудҳои бачагона эҷод кардааст, аз ҷумла «Мехонем аъло», «Кай аскарӣ меравам?», «Баҳои аввалин» ва ғайра.

Аз эҷодиёти Шарофиддин Сайфиддинов суруди «Баҳои аввалин»-ро пешниҳод мекунем.

?! *Кадом сурудҳои оҳангсоз Шарофиддин Сайфиддиновро медонед?*

# БАҲОИ АВВАЛИН

**Оҳанги Шарофиддин Сайфиддинов** **Шеъри Алӣ Бобоҷон**






Давидему давидем,
То ба мактаб расидем,
Саҳни мактаб озода,
Дари мактаб кушода.
Гулҳоро бо ҳам баста,
Овардем даста-даста.

Овози занг баромад,
Ҳама ба синф даромад.
Гулдастаҳоро бурдем,
Ба муаллим супурдем.
Шунидем офаринро –
Баҳои аввалинро.

**?!** *Оҳанги суруд ба шумо маъқул шуд? Сурудро ҳама дуруст иҷро кард? Мусиқиро замзама кунед ва зарби онро бо қарсак ифода намоед.*

# КИШВАРИ ЗЕБОИ МАН



**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Наримон Бақозода**

Водиҳоят – кони зар,
Меваҳоят чун шакар,
Мардумонат – пурҳунар.

Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

Мулки дилшодам туӣ,
Меҳнатободам туӣ,
Фахри авлодам туӣ!

Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

Нони мардонат ҳалол,
Мардумонат – некфол,
Бахту тахтат – безавол.

Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

Кард даврони савет
Роҳи иқболат сафед,
Бош бо бахту умед!

Кишвари зебои ман,
Модари яктои ман!

**?!** *Мусиқӣ ба шумо хуш омад? Онро кӣ эҷод кардааст? Мазмуни шеърро нақл намоед ва зарби мусиқиро бо қарсак ифода кунед.*

Агар нотаи нимпурра ба ду ҳиссаи чорякӣ тақсим шавад, ҳар як чорякӣ ба ду ҳаштякӣ баробар аст.




Зарби нотаи нисфӣ ва чорякиро, ки дар тасвири якум омадааст, нишон диҳед. Нотаҳои чорякӣ ва нисфӣ чӣ гуна ҳисоб карда мешаванд? Зарби ин нотаҳоро бо қарсак ифода кунед.

**Машқро аз рӯйи нота сароед**





?!

*Омӯзгор чӣ кор мекунад? Писарбача чӣ? Ҳангоми машқ ба ҳолати нафасгирию даҳонкушоӣ ва истифодаи овоз эътибор диҳед.*

# ЗАБОНИ ТОҶИК

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Исҳоқ Ёқубов**




I

Дурри гаронӣ,
Ширинбаёнӣ,
Хуштар зи ҷонӣ,
Забони тоҷик!
Дар илму ирфон
Чу Шамси тобон
Ҳастӣ дурахшон,
Забони тоҷик!

II

Аҷаб ширинӣ,
Асал баринӣ,
Ба дил қаринӣ,
Забони тоҷик!
Чу лафзи Ҷомӣ,
Шеъри Низомӣ,
Ҳастӣ гиромӣ,
Забони тоҷик!

**?!** *Ин суруд дар кадом мавзӯъ навишта шудааст?*
*Дар ин суруд кадом хусусиятҳои забони тоҷикӣ васф шудааст?*
*Сурудро аз ёд кунед.*

Навишти нотаҳоро дар нотагоҳ ба ёд меорем:




Хатҳои нотагоҳ аз поён ба боло ҳисоб карда мешаванд.



Навишти калиди сол (скрипка)-ро машқ кунед.

Ба намуна нигаред:






Нотаҳои ***До, Ре*** ва ***Ми*** чунин навишта мешаванд:

Нотаи ***До*** дар рӯйи хатчаи якуми иловагии поёнӣ навишта мешавад. Нотаи ***Ре*** дар поёни хати якуми нотаҳо навишта мешавад.

Навиштани нотаҳои ***До, Ре*** ва ***Ми***-ро машқ кунед:



***Ми*** ҳарфи сеюмин аст,
***Ми*** савти дилнишин аст,
Буррад миёни ***Ми***-ро
Хатте, ки аввалин аст.

**?!** *Навишти нотаҳо аз якдигар бо чӣ фарқ мекунад? Оё давомнокии садо ба номи нотаҳо таъсир дорад ё не?*

# ЧАШМА

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Гулрухсор Сафиева**



I

Дар оби софат
Мо рӯ бишӯем,
Аз марғзорат
Пудина бӯем.

**Нақарот:**

Дар сабзазорат
Бозӣ намоем,
Гулҳо бичида,
Шодӣ намоем.

II

Дар рӯйи обат
Завракча ронем,
Ҳамроҳ бо ту
Тарона хонем.

**Нақарот:**

Дар сабзазорат
Бозӣ намоем,
Гулҳо бичида,
Шодӣ намоем.

?!

*Мусиқӣ ба шумо писанд омад?*
*Мусиқиро бодиққат гӯш карда, мазмуни расмро гӯед.*

# «ОФАРИН»

**Оҳанги Яъқуб Сабзанов** **Шеъри Нозирҷон Боҳирӣ**




## I

«Офарин» саҳнаи
Чусту чолокияст,
Санҷиши донишу
Зӯру бебокияст.

**Нақарот:**

Каф занед, мухлисон,
Дӯстони қарин,
То шавад гармтар
Бозии «Офарин»,
«О-фа-рин»!



II

Андар ин бозӣ ҳеҷ
Мағлубу бохт нест,
Мо ҳама ғолибем,
Бурди мо бардамист.

**Нақарот:**

Мо ки варзишгарем,
Азми моён матин,
Шӯху ҳозирҷавоб,
Ранги рӯ гул барин.



**?!** *Аз матни шеър номи нотаҳои мусиқиро ёбед. Онҳоро дар нотагоҳ нависед ва бо овози ҷӯру форам сароед.*

# ФИРӮЗ БАҲОР



Оҳангсоз Фирӯз Баҳор соли 1942 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Ӯ аз овони кӯдакӣ бо волидонаш ба Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ рафта, доимо мусиқӣ гӯш мекард.

Аз синни 12-солагӣ Фирӯз Баҳор дар мактаби мусиқии бачагона таҳсил карда, фортепианонавозиро омӯхт. Ӯ қобилияти баланди мусиқифаҳмӣ дошт. Дар зарфи 4 сол барномаи 7-соларо аз худ карда, ба омӯзишгоҳи мусиқӣ дохил шуд. Сипас дар Консерваторияи шаҳри Тошканд таҳсил кард.

Фирӯз Баҳор муаллифи асарҳои зиёди симфонӣ, вокалӣ-симфонӣ ва дигар жанрҳои мусиқӣ мебошад. Асарҳояш «Мароқанд», «Сюитаи тоҷикӣ» ва «Бузург» дар Тоҷикистон ва берун аз он машҳуранд.

Асарҳои эҷодкардаи оҳангсоз бо оҳангҳои халқии тоҷикӣ наздиканд. Ин гуфтаҳо дар афсонаи мусиқии «Парандаи тиллоӣ» инъикоси худро ёфтааст.

Аз эҷодиёти Фирӯз Баҳор суруди «Шаҳри Душанбе»-ро ба шумо пешниҳод мекунем.

?! *Кадом сурудҳои оҳангсоз Фирӯз Баҳорро медонед?*

# ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Оҳанги Фирӯз Баҳор** **Шеъри Муқаддас Искандаров**




**II**

Бахшад ҳаловат
Обу ҳавоят,
Боби тамошо
Гулгаштҳоят.

**Нақарот:**
Шаҳри Душанбе,
Шаҳри азизам!
Эй фахри кишвар,
Шаҳри Душанбе!

**III**

Ту бахти мойӣ,
Беҳтар зи ҷонӣ,
Дорем бо ту
Хуш зиндагонӣ.

**Нақарот:**
Шаҳри Душанбе,
Шаҳри азизам!
Эй фахри кишвар,
Шаҳри Душанбе!

**?!** *Дар ин мусиқӣ кадом созҳо садо доданд? Ҳангоми шунидани мусиқӣ кадом манзараҳои пойтахтро тасаввур кардед?*

Нотаҳои ***Фа, Сол, Ла*** ва ***Си*** чунин навишта мешаванд:



Нотаи ***Фа*** дар байни хатҳои якуму дуюми нотагоҳ навишта мешавад.



Нотаи ***Сол*** дар рӯйи хати дуюми нотагоҳ навишта мешавад.



Нотаи ***Ла*** дар байни хатҳои дуюм ва сеюми нотагоҳ навишта мешавад.



Нотаи ***Си*** дар рӯйи хати сеюми нотагоҳ навишта мешавад.

Навиштани нотаҳоро машқ кунед:



# ҚАТОРОВОЗ

**(Ҳафт садои мусиқӣ)**

Дар мусиқӣ ҳафт ҳарф ҳаст,
Ҳисоб кунӣ ту бо даст:
До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си,
Ҳафтто ҳарфи мусиқӣ.

**Машқро иҷро кунед:**







V – *аломати нафасгирӣ.*

?! *Садоҳои мусиқиро аз рӯйи рангҳо ва тобишашон ба ёд гиред.*
*Қаторовозро бо тарзҳои гуногун иҷро кунед.*

# ПАРЧАМ

**Оҳанги Шуҳрат Ашуров** **Шеъри Муҳаммад Ғоиб**






**НАҚАРОТ:**

Ҷилвааш ҷилваи болҳост,
Ҷилваи мурғи иқболҳост.
Боли парвозҳо парчам аст,
Фахри сарбозҳо парчам аст.

II

Раҳнамо дар сафар парчам аст,
Пайки рӯзи зафар парчам аст.
Вақти болошуданҳои он
Резад ашки фареҳ* қаҳрамон.

Меҳрафзои мо парчам аст,
Дасти болои мо парчам аст.
Эътибору шараф парчам аст,
Халқи моро ба каф парчам аст.

* фареҳ – шодӣ



**?!** *Суруд ба шумо маъқул шуд? Мазмуни шеърро нақл кунед ва зарби оҳангро бо қарсак ифода намоед.*

# ҲАФТ ОВОЗИ МУСИҚӢ

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ**




Ҳафт овози мусиқӣ
Бунёди ҳар оҳанг аст.
Ҳамчун рангинкамон аст,
Овози рангоранг аст.
До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си,
Си, Ла, Сол, Фа, Ми, Ре, До.

**?!** *Машқро бо нишондоди овозҳо сароед. Ҳангоми иҷрои машқ ба ҷӯрию форамии овоз эътибор диҳед.*

# СОЗИ МУСИҚӢ – ПАНҶТОР



***Панҷтор*** сози мусиқии торӣ буда, асосан дар Помиру Дарвоз маъмул аст. Сози панҷтор аз рӯйи сохт ва тарзи пардабандиаш бештар ба сози танбӯр шабоҳат дорад. Он панҷ тор дорад.

Сози мазкурро асосан аз чӯби дарахти тут месозанд. Панҷтор дар дастаҳои гуногуни созҳои халқӣ ҳамчун сози яккасарой истифода мешавад.

Бо сози мазкур ҳофизони халқӣ Акашариф Ҷӯраев, Муҳиддин Баҳриддинов, Иброҳим Кобулиев, Абдулло Назриев ва дигарон ҳунарнамой кардаанд.

?! *Панҷтор чӣ гуна сози мусиқӣ аст?*



## АМИРБЕКИ МӮСО

Амирбеки Мӯсо соли 1961 дар шаҳри Норак дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Бо дипломи аъло омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро хатм кардааст.

Амирбеки Мӯсо беш аз 300 суруд, мусиқӣ барои 11 намоишномаи театр, асарҳои калонҳаҷм барои оркестрҳои симфонӣ, камеравӣ, созҳои халқӣ, инчунин операҳои бачагонаи «Афсонаи беша», «Тантани вафодор», мусиқӣ барои филмҳои «Афсонаи зиндагӣ», «Пайғому падруд», «Муъҷизаи ишқ» ва «Марги бегуноҳ» офаридааст.

Амирбеки Мӯсо муаллиф ва мураттиби маҷмӯаи сурудҳо оҳангҳо ва рисолаҳои зерин низ мебошад: «Орзуи мутриб», «Рози ғижак», «Дастурамали ғижакнавози навшогирд», «Олами афсона», «Кишвари азизам – Тоҷикистон», «Гулбоғи Ориён», «Навоҳои мардумӣ», «Номуси ватандорӣ», «Чашмаи иқбол» ва ғайра.

?! *Кадом оҳангҳои Амирбеки Мӯсоро медонед?*

# ДАВРИ ХУШ

**Оҳанги Амирбеки Мӯсо** **Шеъри Акобир Шарифӣ**

## Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:







Додаст ин зебо Ватан
Роҳи саодатро нишон,
Бар навбаҳори умри мо
Ҳаргиз нашояд хазон.

Ҳар рӯзи мо, хоҳем агар,
Бо шодмонӣ бигзарад,
Бояд, ки бо кору ҷадал
Андар амонӣ бигзарад.

# ТЕАТР ОИНАИ ЗИНДАГИСТ

***Театр*** як навъи санъат аст. Биноеро ҳам, ки дар он намоишномаҳо баргузор мегарданд, ***театр*** меноманд. Дар саҳнаи он саргузашти қаҳрамонони асарҳои бадеӣ дар иҷрои ҳунарпешагон нишон дода мешавад. Театр аз қисмҳои адабӣ, мусиқӣ, опера, либретто, балет, санъати тасвирӣ ва рақс иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон театрҳо бисёранд.

***Амфитеатр*** кохи фарҳангист, ки дар шакли театр, сирк ва монанди инҳо бино меёбад. Дар амфитеатр консерту намоишҳои гуногуни шавқовар гузаронида мешаванд.



**Амфитеатри шаҳри Душанбе яке аз биноҳои фарҳангии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад**

## Машқро сароед:



Тасвирҳои андозаи «дучорякӣ»



## Машқро нависед:



Нотаҳо дар мобайни раҳҳо (хатҳо) ва рӯйи раҳҳо навишта мешаванд.

**?!** *Ҳангоми машқ ба зарбҳои мусиқӣ эътибор диҳед ва бикӯшед, ки овозатон форам барояд.*

# ЧИСТОН

**Оҳанги Шариф Бобокалонов** **Шеърри Мирсаид Миршакар**






Дидам мурғи оҳанин,
Панҷаҳояш аз резин.
Ҷон надорад, мепарад,
Доим хӯрокаш бензин.

Ин чӣ бошад,
Ин чӣ бошад,
Ин чӣ бошад, ой!

Самолёт,
Самолёт,
Самолёт, ой!

?!

*Суруд ба шумо писанд омад?*
*Сурудро такрор намуда, дар вақтҳои холигиатон чунин бозиҳо ташкил кунед.*

# ТОҶИКИСТОН

**Оҳанги Саидқул Билолов** **Шеърi Низом Қосим**



**Нақарот:**
Мазраи бахтат гулафшон,
Парчами фатҳат парафшон,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон!
Мардумат сарҷамъ бодо,
Ғуссаат бодо парешон,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон!

I

Рӯзгорат осуда бодо,
Мардумат озода бодо,
Чун дарат бар рӯйи дунё
Ҳар гиреҳ бикшода бодо!

II

Бахт бо ту меҳрубон бод,
Ҳамдилат аҳли ҷаҳон бод.
Эй диёри некномон,
Номи некат ҷовидон бод!

**Нақарот:**
Мазраи бахтат гулафшон,
Парчами фатҳат парафшон,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон!
Мардумат сарҷамъ бодо,
Ғусаат бодо парешон,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон!

**?!** *Мусиқӣ чӣ тавр садо дод?*
*Зарбҳои оҳанги сурудро бо қарс ифода кунед.*

# ЛИГА

Аломати  ***лига*** ном дорад. Лига ду ё якчанд нотаи ҳамсояи баландиашон якхеларо бо ҳам пайваст мекунад.



Дар шиками зоғ бошад
Аломати моҳмонанд,
Намуда сару пойро
Бо ҳам ҳамеша пайванд.



Бо хатчаи моҳмонанд
Мекунем онро пайванд,
Савташро дароз кашед,
То нашавад он дучанд.

**Машқро нависед:**



**?!** *Аломати «лига» дар мусиқӣ барои чӣ истифода мешавад?*
*Савти машқҳоро бо давомнокии гуногун иҷро кунед.*

# ТАВАҚҚУФ

Лаҳзаи хомӯширо дар мусиқӣ ***таваққуф*** меноманд.



## Машқро аз рӯйи нота сароед:

*Ҷ. Охунов*



*З. Шаҳидӣ*



## Машқро нависед:



**?!** *Аломати таваққуф дар кадом тақтеъҳо омадааст?*
*Ҳангоми машқ ба аломати таваққуф эътибор диҳед.*

# МИЗОНҲОИ СОДАТАРИН

Тартиби ташкилёбии зарбҳои мусиқӣ ***мизон*** номида мешавад.

- Мизонҳо сода ва мураккаб мешаванд.
- Мизонҳои сода (ҳоло) аз 2/4, 3/4 ва 3/8 иборатанд.
- Ҳар як мусиқӣ бояд шуморида шавад. Яке аз намудҳои шуморидан дирижёрӣ аст.

Ҳаракати даст (дирижёрӣ) ба мизони 2/4:



**як – боз** **ду – боз**

Дасти рост аз боло ба поён ва аз поён ба боло ҳаракат мекунад.

**Машқро сароед:**



?!

*Кадом мизонҳои содаро медонед?*
*Чорякҳои савти нотаҳоро аз рӯйи ҳаракатҳои нишондодашуда машқ кунед.*



# ҶӮРАБОЙ ОХУНОВ

Арбоби ҳунари Тоҷикистон, Ҷӯрабой Охунов омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе ва Консерваторияи давлатии шаҳри Маскавро хатм кардааст.

Ӯ аз соли 1971 то соли 2001 ба ҳайси муҳаррири калони нашриётҳои «Ирфон», «Адиб» ва «Маориф» оид ба нашри адабиёти мусиқӣ адои вазифа кардааст.

Фаъолияти эҷодии Ҷӯрабой Охунов ҳангоми дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе хонданаш оғоз шудааст. Ҷӯрабой Охунов як силсила асарҳои мусиқии таълимӣ-педагогӣ ва ҳарбӣ, 150 суруди зебои бачагона таълиф кардааст: «Чароғаки роҳнамо», «Соли нав», «Ҳафт овози мусиқӣ» ва ғайра.

**?!** *Кадом сурудҳои Ҷӯрабой Охуновро медонед?*

# ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Алӣ Бобоҷон**



Чароғаки раҳнамо
Дорад ҳар як гузаргоҳ,
Ҳар се ранги банураш
Ба мо нишон диҳад роҳ.

Ранги сабзи чароғак
Мекушояд ба мо роҳ.
То нашавад фурӯзон,
Нагузар аз гузаргоҳ!

Ранги сурхи чароғак
«Гӯяд», ки нашав роҳӣ.
Ранги зардаш аз хатар
Диҳад ба мо огоҳӣ.

Шаҳри мо – шаҳри калон,
Мошинҳояш бешумор,
Вақти гузаштан аз роҳ
Қоидаро нигоҳ дор!



?!

*Ранги сурхи чароғак чӣ «мегӯяд»?*
*Зарду сабзаш чӣ?*
*Пеш аз гузаштан аз роҳи мошингард ба рангҳои чароғак ҳатман эътибор диҳед!*

# ФЕРМАТА

Аломати 𝄐 ё 𝄑 – ***фермата*** (маддкашӣ) ном дорад.

Фермата сабки навозанда (сароянда)-ро 1–2 маротиба зиёд мекунад.



Дорад шакли «***фермата***»
Каллаи зоғи ало.
Овозро дароз кашед,
То напарад ӯ аз ҷо!

**Машқро аз рӯйи нота иҷро кунед:**



**Машқро нависед:**



?! *Аломати ферматаро дар мусиқӣ барои чӣ истифода мебаранд?*

# МЕХОНЕМ АЪЛО

**Оҳанги Шарофиддин Сайфиддинов** **Шеъри Б. Урунов**

## Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:




Эй Ватани мо, гулшани зебо!
Ҳастӣ зи ҷон ҳам азизу аъло!
Гул кун, Ватанҷон, хуррам баҳорӣ,
Ба бахти моён тараққӣ дорӣ.

Мо наслҳои навраси туем,
Ба хондан саргарм ҳастем доим.
Мо ваъда дода мекунем иҷро,
Ғайрат намуда мехонем аъло.

**?!** *Суруд ба шумо маъқул шуд? Мазмуни шеърро нақл кунед ва зарби оҳангро бо қарсак ифода намоед.*

Аломатҳои мусиқиро номбар кунед.



Ин сози мусиқӣ чӣ ном дорад?





Номи ин аломат чист?



Ин кадом аломат аст?

Мусиқӣ мешунавем:



**?!** *Ин оҳанги кадом оҳангсоз аст?*
*Аломатҳоро такрор кунед.*

# СОЛИ НАВ

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** — **Шеъри Нозирҷон Боҳирӣ**




Соли нав мо боз донотар шавем,
Рӯҳану ҷисман тавонотар шавем.
Рӯ ба сӯйи қуллаи тобони илм
Соли нав як зина болотар шавем.

**Нақарот:**
Соли нав, иқболи нав табрик бод,
Бахту истиқболи нав табрик бод!



**?!** *Оҳанги суруд чӣ тавр садо дод?*
*Оё дар ҳавои ин суруд рақсидан мумкин аст?*

# АРЧАҶОНИ МО

**Шеъри Мавҷуда Ҳакимова**



Арчаҷон, арча,
Тозон омадӣ,
Ба хонаи мо
Меҳмон омадӣ.

Шохчаҳоятро
Бо бозичаҳо
Оро бидодем,
То шавӣ зебо.

Бубин, дасти худ
Гирифта моён,
Гирдогирди ту
Гаштем сурудхон.

Ҳар як суруд аз матни шеър сарчашма мегирад. Шеъри М. Ҳакимова «Арчаҷони мо» дар васфи арчаи солинавӣ навишта шудааст.

**?!** *Шеърро қироат намоед ва мазмунашро нақл кунед.*
*Ба мисраъҳои шеър оҳанг эҷод кунед.*



# БАРНОМАИ КОНСЕРТ

**а) Такрори сурудҳо:**

- «Баҳори аввалин» (Шарофиддин Сайфиддинов)
- «Мехонем аъло» (Шарофиддин Сайфиддинов)
- «Шамолак» (Сафаралӣ Сатторов)
- «Соли нав» (Ҷӯрабой Охунов)

**б) Маърифати мусиқӣ:**

- аломати тағйирдеҳ
- ребус–чистон
- аз рӯйи нота сароидани машқҳо

**в) Шунидани мусиқӣ:**

- «Чароғаки раҳнамо» (Ҷӯрабой Охунов)
- «Фалак» (Абдуфаттоҳ Одинаев)
- «Шаҳри азиз» (Яъқуб Сабзанов)
- «Конкии ман» (Шарофиддин Сайфиддинов)

# АЛОМАТИ «ТАКРОР»



Ин аломати такрор
Дар хотират нигаҳ дор!
Хондӣ агар ту як бор,
Боре бикун ту такрор!



**Машқро аз рӯйи нота сароед:**



ТАКРОР МОДАРИ ДОНИШ АСТ!



?!

*Машқро мувофиқи аломатҳои такрор ичро кунед.*
*Аломатҳои такрор дар кадом тақтеъҳо омадаанд?*

# КАЙ АСКАРӢ МЕРАВАМ?

**Оҳанги Шарофиддин Сайфиддинов** **Шеъри Озод Аминзода**




Вақте калон мешавам,
Ба аскарӣ меравам.
Мепӯшам ба сари худ
Фуражкаи хушнамуд.
Азони акам барин,
Ситорааш тиллогин.
Эҳ, кай калон мешавам?!
Кай аскарӣ меравам?!



Камзӯлчаи пагондор,
Тугмачаҳояш қатор.
Сонӣ тасма мебандам,
Ин хел мемонам қадам:
Яку дую сею чор,
Аскари тапа-тайёр!
Эҳ, кай калон мешавам?!
Кай аскарӣ меравам?!

**?!** *Мусиқӣ ба шумо маъқул шуд?*
*Шоир орзуи писараконро дар шеъраш тасвир кардааст, онро фаромӯш накунед.*

Барои инкишоф (сайқал) додани хотираи мусиқӣ хонанда бояд ба зарбҳои мухталиф аҳамияти махсус дода, онҳоро амалан иҷро кунад.

Омӯзгор менавозад:




Хонанда такрор мекунад:



Як нотаи чорякӣ (♩) ба ду нотаи ҳаштякӣ (♫) баробар аст.



**?!** *Ҳангоми машқ зарбҳоро бо даст иҷро намуда, матнро замзама кунед.*

# СОЗИ МУСИҚӢ – ЧАНГ



***Чанг*** сози қадимаи мусиқист. Косахонааш як сӯрохи резонансӣ (аксисадоӣ), 72 тори симин, 72 гӯшак ва 24 парда дорад. Сози якканавозӣ, ансамблӣ ва оркестрӣ мебошад. Овозаш ҷарангнок буда, ҳангоми зарурат онро пасту (пианно) баланд (форте) мекунанд ва асосан бо ду чӯбча менавозанд.

Ҷойгиршавии сози чанг дар мобайни ансамбл аст.



**Ансамбл – гурӯҳи навозандагон**

**?!** *Сози чангро бо чӣ менавозанд?*
*Сози чанг чӣ тавр садо медиҳад?*

# МАКТАБАМ

**Оҳанги Сафаралӣ Сатторов** **Шеъри Гулчеҳра Сулаймонова**




Мактабам, нури дидагонам ту,
Мактабам, умри ҷовидонам ту.
Мисли модар муҳибу ғамхорӣ,
Мактабам, ёри меҳрубонам ту.

Мактабам, эй макони илму фан,
Мактабам, зебу ҳусни ин гулшан,
Меҳри ту дар дилам макон дорад,
Мактабам, эй рафиқи хонам ту.

## Машқро иҷро кунед:

Зиннати гулшан гирифт,
Мактаби мо ранг-ранг,

Ҳар саҳар аз синфи мо
Мерасад овози занг.




**?!** *Ҳангоми сурудан ба масрафи овоз диққат дода, онро форам сароед.*

# СОЗИ МУСИҚӢ – ДУТОР



***Дутор*** сози мусиқии халқи тоҷик аст. Дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон онро дуторча меноманд. Дарозии дутор 70–80 сантиметр буда, аз як гӯшак, коса, тахта ва харак иборат аст.

Дутор сози ягона ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Санъаткорони номии тоҷик Акашариф Ҷӯраев, Ҳаким Маҳмудов, Шумқор Одинабеков, Ҳикмат Ризо дуторнавозони моҳир буданд. Онҳо имкониятҳои дуторнавозиро ҳамаҷониба истифода мебурданд.

Дутор ду зиҳ (тор) дорад. Онҳоро бо панҷаҳои даст менавозанд.

?! *Кадом дуторнавозонро медонед?*



# ФАЛАК

**Оҳанги халқӣ** **Такмили Абдуфаттоҳ Одинаев**







**?!**

*Ромишгар чӣ кор карда истодааст?*
*Мусиқиро гӯш карда, аз рӯйи расм нақл кунед.*
*Зарби мусиқиро бо қарсак ифода (иҷро) кунед.*

# ТОБИШҲОИ ДИНАМИКӢ

Дараҷаи баландшавӣ ё пастшавии садоҳо ҳангоми иҷрои мусиқӣ ***аломатҳои динамикӣ*** (қувва) номида мешаванд:

***f*** – (форте) баланд, P – (пианно) паст ва ғайра.

Кӣ мегӯяд, бачаҳо,
Пушти зоғ ба чӣ монанд?
Агар хубтар нигаред,
«Форте» – садои баланд!



**Машқро аз рӯйи нота сароед:**

## АБР ОМАД

**Оҳанги Хайрулло Абдуллоев** **Шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ**




Форте: ***f*** ***f*** ***f*** ***f*** ***f*** ***f*** ***f*** ***f***

**?!** *Ҳангоми сурудан фортеро муайян кунед.*

# НАВРӮЗ МУБОРАК!

**Оҳанги Парвина Соҳибова** **Шеъри Ҳидоятулло Раҳмонӣ**




**?!** *Мусиқӣ ба шумо маъқул шуд?*

# ДИЕЗ



***Диез*** ҳар як садои пардаро 0,5 (ним) тон баланд мекунад.

## Машқро сароед:



Фарқи машқи якум аз дуюм дар чист?

Бинед пойҳои зоғро,
Ба чӣ монанд, бачаҳо?
Пойҳои он мемонад
Аломати «Диез»-ро.



## Машқро нависед:



**?!**

*Диез садои пардаро чӣ қадар баланд мекунад?*
*Ҳангоми иҷрои машқҳо ба аломати диез эътибор диҳед.*

# НАВРӮЗӢ

**Оҳанги Зайниддини Ховарӣ** **Шеъри халқӣ**

**Allegro** (ҷоннок, зиндадилона)




Наврӯзи навбаҳор аст,
Гул дар миёни хор аст,
Ғунча даҳон кушода,
Булбул чӣ беқарор аст.

**Нақарот:**

Наврӯзи навбаҳорон
Бар гулрухон муборак!
Ин рӯзи шоду хандон
Бар кӯдакон муборак!

Наврӯзи навбаҳорон
Чун мавсими гул омад,
Бар шохи гул нишаста,
Хониши булбул омад.

**Нақарот:**

Наврӯзи навбаҳорон
Бар гулрухон муборак!
Ин рӯзи шоду хандон
Бар кӯдакон муборак!



?!

*Наврӯз чӣ гуна ҷашн аст?*
*Суруди «Наврӯз» ба шумо маъқул шуд?*
*Зарби мусиқиро бо қарсак ифода карда, дар ҳавои он рақс ташкил намоед.*

# ГУЛИ НАВРӮЗ

**Шеъри Назар Табарзода** **Оҳанги Сангалӣ Ҳамидов**






# ДАРЁИ ВАРЗОБ

**Оҳанги Амнун Ёдгоров** **Шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ**

## Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:







Аз кӯҳи Анзоб
Дарёи Варзоб
Сӯйи Душанбе
Мекунад шитоб.
Аз ҳар як дара
Даҳҳо шаршара
Сӯяш медаванд,
Чун оҳубарра.

Аз кӯҳи Анзоб
Дарёи Варзоб
Сӯйи Душанбе
Мекунад шитоб.
Обакаш зулол,
Обакаш ҳалол.
Ташна монӣ, нӯш
Аз он бемалол.

**?!** *Сурудро чӣ тавр иҷро кардед? (Шӯх ё ҳазин?) Оҳангро гӯш карда, сурудро бо овози форам сароед.*

# МАЙДОНИ МУЪҶИЗОТ

Бозии «Майдони муъҷизот» барои мустаҳкам кардани дониш ташкил карда мешавад.

Хонандагон дар он иштирок карда, дониши дар бораи суруд, мусиқӣ, оҳангсозон, инчунин аломатҳои мусиқӣ гирифтаашонро мустаҳкам менамоянд.



Дар рӯйи барабан номи аломатҳои: **крешендо, тақтеъ, сарпарда, таваққуф, диез, лига, диминуэндо** ва **фермата** навишта шудааст.



Бозингар барабанро тоб медиҳад. Ҳамон аломатеро, ки ақрабак номи онро нишон диҳад, шарҳ дода, амалан иҷро мекунад.

?!

*Бозӣ ба шумо маъқул шуд?*
*Ба ин бозӣ дар вақти холӣ машғул шавед.*



# ЯЪҚУБ САБЗАНОВ

Яъқуб Сабзанов оҳангсози шинохтаи тоҷик аст. Ӯ сурудҳои зиёдеро барои бачагон эҷод кардааст, аз ҷумла «Частухезкунак», «Суҳбати дӯстон», «Бачагони бахтиёр», «Суруди шодӣ» ва ғайра. Ғайр аз ин мусиқии симфонӣ низ эҷод кардааст.

«Суруди шодӣ» бар матни шоир Акобир Шарифӣ эҷод шудааст. Он яке аз сурудҳои дӯстдоштаи кӯдакону наврасон мебошад. Дар он меҳру муҳаббат ба Ватан-модар, омӯзиши илму маърифат, некию накукорӣ васф шудааст.

Я. Сабзанов дар операи «Бозгашт» муҳаббат ба ватан, муборизаи одамон бар зидди истисморгарони ғоратгар, ғалабаи некӣ бар бадиро тасвир кардааст.

?! *Кадом сурудҳои Яъқуб Сабзановро медонед?*

# ШАҲРИ АЗИЗ

**Оҳанги Яъқуб Сабзанов** **Шеъри Файзулло Ансорӣ**



Шаҳри азизи номдор,
Ҳусни ту софу беғубор,
Боғ аст ҳар як кӯчаат,
Рӯят мисоли навбаҳор. (2 бор)

Нақарот:

Эй Душанбе!
Ту ифтихори ман,
шаҳри ман,
ҷони ман!

Эй Душанбе!
Боғу баҳори ман,
шаҳри ман,
ҷони ман!

Боғ аст ҳар як кӯчаат,
Рӯят мисоли навбаҳор. (2 бор)

?!

*Мусиқӣ ба шумо писанд омад?*
*Ҳангоми шунидани мусиқӣ шумо чиро тасаввур кардед?*
*Мусиқиро оромона ва бодиққат гӯш кунед.*

# СОЗҲОИ МУСИҚИИ НАФАСИИ БАЗМӢ СУРНАЙ ВА КАРНАЙ




Оҳанги найу садои карнай
Шодӣ ба дил оварад паёпай.

Садои ***карнай*** ғафс (паст) буда, садои ***сурнай*** борик (баланд) мебошад.

Садо ҳар қадар борик бошад, он ҳамон қадар баланд аст.

?! *Созҳои мусиқии нафасии сурнай ва карнайро чаро базмӣ мегӯянд?*
*Боз кадом созҳои базмиро медонед?*

# КИТОБ – ДӮСТИ АЗИЗ

**Шеъри Умедаи Ҳисорӣ**

Хоҳӣ, ки олам донӣ,
Дониши одам донӣ,
Сирри биёбон донӣ,
Асрори Кайҳон донӣ,

Китоби бисёр бихон!
Такрор ба такрор бихон!
Китоб ба ту на душман,
Онро кушо, варақ зан!

Китоб меҳнат омӯзад,
Дарси ҳурмат омӯзад.
Китоб ақлу тамиз аст,
Чун муаллим азиз аст.



-------- ... ?   ... ?   ... ?   ... ?

**?!** *Аз шеъри «Китоб – дӯсти азиз» номи нотаҳои: Ла, До, Си ва Ми-ро ёфта дар нотагоҳ нависед.*



# АЛОМАТИ БЕМОЛ

«♭» – ***бемол*** садои пардаро 0,5 (ним) тон паст мекунад.



Машқи якум



Машқи дуюм

**Машқро аз рӯйи нотаҳо сароед:**



Фарқи нотаҳоро ёбед ва онҳоро бо овоз муайян кунед.

**Машқро нависед:**



**?!**

*Фа ♯, До ♯, Си ♭ ва Ми ♭-ро нишон дода, онҳоро дар нотагоҳ нависед.*
*Бемол савтро чӣ гуна тағйир медиҳад? Диез чӣ?*
*Дар машқҳо кадом аломати тағйирдеҳ омадааст?*



Аломатҳои мусиқиро номбар кунед ва амалан онҳоро иҷро намоед.

**Машқро аз рӯйи нота (бо таваққуфҳо) сароед:**




?!

*Аломатҳои мусиқиро донистед?*
*Таваққуфҳоро чӣ?*

# ҲАРФҲОИ МУСИҚӢ

**Шеъри Сафаралӣ Сатторов**



**До** ҳарфи аввалин аст,
Аммо чӣ таҳнишин аст!
Бар ҳарфҳои дигар
Чун зинаи заррин аст.

**Ре** ҳарфи бекаму кост,
Ҳарфи равону бурраост.
Ҷояш агарчи паст аст,
Аз **До** ҳамеша болост.

**Ми** ҳарфи сеюмин аст,
**Ми** савти дилнишин аст.
Буррад миёни **Ми**-ро
Хатте, ки аввалин аст.

**Фа** ҳарфи фораму хуш,
**Фа** хуш расад ба ҳар гӯш.
Ҷояш – миёни ду хат,
**Фа**-ро накун фаромӯш!

**Сол** аст ҳарфи солим,
Савташ хушу мулоим.
Дар рӯйи хатти дуюм
Бошад ҳамеша қоим.

**Ла** ҳарфи дилнавоз аст,
**Ла** хуштарин овоз аст.
Байни хатти дую се
Меъёри савту соз аст.

**Си** ҳарфи дилписанд аст,
Дар хатти байн банд аст.
Мақому мансаби **Си**
Бисёр ҳам баланд аст.

?! *Ҷойгиршавии ҳафт нотаи мусиқиро дар нотагоҳ нишон диҳед.*

**Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:**

## ШАМОЛАК

Оҳанги Сафаралӣ Сатторов

Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ




Ин гуна хуш кӣ хонад?
Шамолак! Шамолак!
Маънии он кӣ донад?
Шамолак! Шамолак!

Ин нозбӯ кӣ дорад?
Шамолак! Шамолак!
Дар ҷони мо кӣ форад?
Шамолак! Шамолак!

**?!** *Сурудро ба таври бозӣ, саволу ҷавоб иҷро намуда, зарби мусиқиро бо қарсак ифода кунед. Мисраъҳои якуми саволиро як нафар ва калимаи «шамолак»-ро аҳли синф иҷро кунанд, хубтар аст.*

# ОФТОБУ ОДОБ

**Шеъри Пӯлод Мумин** **Тарҷумаи Юсуфҷон Аҳмадзода**



Нағз аст Офтоб,
Ё нағз одоб?
Ҳам нағз Офтоб,
Ҳам нағз одоб.

Бахри лолаҳо
Офтоб беҳтар аст,
Бахри бачаҳо
Одоб беҳтар аст.

Рухсори олам
Аз Офтоб гарм,
Рухсори одам
Аз одоб гарм.

Оламро доим
Офтобаш бошад,
Одамро доим
Одобаш бошад.

?! *Мазмуни шеърро нақл кунед ва аз калимаҳои:* ***одоб, олам, лолаҳо, оламро, доим*** *ва* ***одобаш*** *номи ҳарфҳои мусиқиро ёфта дар нотагоҳ нависед.*

**Машқро аз рӯйи нота иҷро кунед:**







Агар ту аз мо пурсӣ
7-то ҳарфи мусиқӣ,
Бо ҷону дил мегӯем,
***До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си.***

**?!**

*Машқро сароед, зарби онро бо қарсак муайян кунед.*
*Нотаҳоро дар нотагоҳ нависед.*
*Кашидани калиди мусиқиро фаромӯш накунед.*



# МИРАТУЛЛО АТОЕВ

Миратулло Атоев муаллифи зиёда аз 100 оҳанг буда, барои бачагон низ асарҳои зиёде навиштааст. Аз ҷумла таронаи «Рӯд» бар матни М. Турсунзода, «Тоҷикистон» бар матни М. Ҳайдаршо, «Модарони интизор» бар матни Ҷ. Каримзода, «Кишвари беканор» бар матни Ҳ. Файзулло дар байни мардум маъмул аст.

Барои омӯзиш яке аз сурудҳои М. Атоев «Модари ҷон, модарам»-ро ба шумо пешниҳод мекунем.

**?!** *Кадом суруду мусиқиҳои оҳангсоз Миратулло Атоевро медонед?*

# МОДАРИ ҶОН, МОДАРАМ

**Оҳанги Миратулло Атоев** **Шеъри Б. Раҳимзода ва М. Фарҳат**




Соҳиби кору сухан мешавам,
Булбули боғу чаман мешавам,
Чобуку ҳушёр ман мешавам,
Лоиқи номи Ватан мешавам!

**Нақарот:**
Модари ҷон, модарам,
Модари ҷон, модарам!

Соҳиби илму ҳунар мешавам,
Аз ҳама фан бохабар мешавам,
Аз пайи роҳи падар мешавам,
Ҳамдами фатҳу зафар мешавам!

**Нақарот:**
Модари ҷон, модарам,
Модари ҷон, модарам!

**?!** *Шеър дар васфи кӣ навишта шудааст?*
*Суруд ба шумо маъқул шуд?*

# БОЙЧЕЧАК

**Оҳанги Шариф Бобокалонов** **Шеъри халқӣ**






Бойчечаку бойчечак,
Гули хушрӯи химчак.
Бойчечак омад лучак,
Тамошо кун келинчак.

Бойчечак, бойчечак,
Бӯйи баҳор бойчечак.
Бойчечак, бойчечак,
Муждаи кор бойчечак.

**?!** *Кадом суруди Шариф Бобокалоновро медонед?*
*Ҳангоми шунидани мусиқӣ чиро тасаввур кардед?*
*Аз рӯйи тасвири манзара нақл тартиб диҳед.*

# МАКТАБИ МО

**Оҳанги А. Меликов** **Шеъри Нуъмон Розиқ**




Мо дар деҳи хуррам будем,
Бо дӯстон ҳамдам будем,
Бо ҷӯраҳо дар кӯҳу дашт
Кардем агарчи сайру гашт,

Ту дар хаёли мо будӣ,
Зебову дилоро будӣ,
Оғӯши худ бар мо кушо,
Дорем хеле туҳфаҳо.



# СОЗИ МУСИҚӢ – НАЙ

***Най*** сози мусиқии нафасии қадима мебошад. Онро аз чӯби дарахти чормағз, тут ва аз қамиш месозанд. Аз нӯгаш ба дарозӣ сӯрохе дорад, ки барои дамидани бод истифода мешавад. Дар танаи най аз 6 то 10 сӯрох мешавад. Онҳо барои тағйир додани овоз (садо) ба кор меравад.

Найи уфуқии суғдӣ аз найчаи дарозиаш тахминан 45–55 см иборат аст. Дар нӯги он сӯрохе барои дамидани ҳаво мавҷуд аст. Найи уфуқӣ ҳоло бо номи аслии най боқӣ монда, яке аз созҳои асосии якканавозӣ, ансамблӣ ва оркестрӣ ба шумор меравад.

Устодони найнавози шинохтаи ҷумҳурӣ Аъзам Камолов, Нисон Шоулов, Қурбоналӣ Ёқубов мебошанд.







Ин созҳои мусиқӣ чӣ ном доранд?

**Машқро аз рӯйи нота сароед:**





**?!** *Ин мусиқии кадом суруд аст? Сурудро ба пуррагӣ такрор намуда, аз рӯйи расм нақл кунед.*



# ЗИЁДУЛЛО ШАҲИДӢ

Оҳангсози маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ асарҳои гуногуни мусиқӣ эҷод кардааст.

Оҳангҳои эҷодкардааш зебо ва бонафосат буда, аз ҳар навои онҳо хусусиятҳои мусиқии миллии тоҷикӣ ба гӯш мерасад. Сарчашмаи илҳоми эҷодии ӯ суруду оҳангҳои халқӣ ва шашмақом аст.

Суруду мусиқиҳои Зиёдулло Шаҳидиро дар Тоҷикистон ҳама хурду калон дӯст медоранд.

Зиёдулло Шаҳидӣ барои бачаҳо низ суруду мусиқии зиёде эҷод кардааст. Оҳанги «Иқболи баланди мо»-ро ба шумо пешкаш менамоем.

?! *Кадом сурудҳои Зиёдулло Шаҳидиро медонед?*

# ИҚБОЛИ БАЛАНДИ МО

**Оҳанги Зиёдулло Шаҳидӣ** **Шеъри Муҳиддин Фарҳат**




**I**

Иқболи баланди мо,
Даврони писанди мо,
Дар соҳаи омӯзиш
Илҳоми дучанди мо.

**Нақарот:**
Аз меҳри Ватан бошад
Оҳанги суруди мо **(2 бор)**

**II**

Ҳар дарс, ки мехонем,
Бояд, ки наку донем!
Дар нашъунамо кардан
Ҳамранги баҳоронем.

**Нақарот:**
Аз меҳри Ватан бошад
Оҳанги суруди мо **(2 бор)**

**?!** *Оҳанги суруд ба шумо писанд омад?*
*Сурудро бо ифтихор сароед.*
*Мазмуни шеърро нақл кунед.*

# КРОССВОРДИ МУСИҚӢ

### Шарҳи бозӣ

Омӯзгор кроссворди доир ба калимаҳои мусиқии «адвор» ва «мадид» тайёркардаашро дар пештахтаи синф овезон карда, шарти бозиро мефаҳмонад.

Хонандагон бо ҳар як ҳарфи калимаҳои «адвор» ва «мадид» калимаҳои дигари соҳаи мусиқӣ ёфта, катакчаҳоро пур мекунанд.

Эзоҳ: Агар хонанда номи нотаҳоро ёбад, онҳоро дар фортепяно нишон дода, бо овоз иҷро мекунад.




### Машқро иҷро кунед:

Мадиди нотаҳоро муайян кунед.



**?!** *Бозиро ташкил карда, бо номи нотаҳо калима ёбед.*

# СОЗИ МУСИҚӢ – РУБОБ



***Рубоб*** сози мусиқии тоҷикӣ мебошад. Он аз аҳди қадим чун сози якканавозӣ ва ҷурнавозӣ истифода мешавад. Рубоб сози мусиқии дӯстдоштаи мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Рубоб садои мулоиму форам дошта, тембри он нафису ширадор аст.

## САРАХБОРИ МУСИҚӢ

Сарахбори мусиқӣ,
Сараввали мусиқӣ,
Ҳангоми сурудхонӣ
Онро ту бояд донӣ.

**?!** *Аз калимаҳои «мусиқӣ», «ҳангоми» ва «донӣ» номҳои нотаҳоро ёфта дар тақтеъҳо нависед.*

# ОБАКИ ШИРИНИ МО

**Оҳанги Яъқуб Сабзанов** **Шеъри Мирсаид Миршакар**




I

Биё, биё, обаки ширини мо!
Биё, биё, ҷонаки ширини мо!
Биё, биё, обаки заррини мо!

**Нақарот:**
Биё, биё, ҷӯйбори нав муборак!
Биё, биё, баҳори нав муборак!



II

Биё, биё, равон бишав шитобон!
Биё, барам туро ба он биёбон!
Мадад расон, кунем онро гулистон!

**Нақарот:**
Биё, биё, ҷӯйбори нав муборак!
Биё, биё, баҳори нав муборак!

**?!** *Оҳанги оҳангсоз Я. Сабзанов ба шумо маъқул шуд? Мусиқиро аввал бо овоз (бе матн) замзама кунед, баъд сароед.*

# КРОССВОРДИ МУСИҚӢ

## Шарҳи бозӣ

Дар ин бозӣ хонандагон катакчаҳои холиро бо номи созҳои мусиқии зарбӣ, торӣ-мизробӣ, инчунин нафасӣ пур мекунанд.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Д | | | | |
| | | | У | | | | |
| | | | Т | | | | |
| | | | О | | | | |
| | | | Р | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Д | | | | |
| | | О | | | | |
| | | Й | | | | |
| | | Р | | | | |
| | | А | | | | |

Эзоҳ: Омӯзгор метавонад синфро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, супоришҳои алоҳида диҳад.



Номи созҳои мусиқиро дар ёд нигоҳ доред.



# ҚУДРАТУЛЛО ЯҲЁЗОДА

Қудратулло Яҳёзода аз он насли санъаткорони мусиқии тоҷик аст, ки охири солҳои 60-ум ба майдони ҳунар қадам ниҳодааст. Ӯ бо эҷодиёти рангини худ маданияти мусиқии ҳалқи тоҷикро ғанитар гардонд.

Қ. Яҳёзода то имрӯз бо ҳамкории шоирони зиёд бештар аз саду панҷоҳ суруду романс эҷод кардааст.

Оҳангсоз Қудратулло Яҳёзода барои бачагону наврасон низ оҳангҳои зиёд эҷод кардааст. Сурудҳои «Боронак», «Моҳ момо», «Қоқу», «Офтобаки ман», «Тобистон», «Модари ҷонам», «Модарам», «Гулбаракҳо омаданд», «Машъал», «Фарзанди як диёрем» ва ғайра маҳсули эҷоди Қ. Яҳёзода мебошанд.

?!

*Кадом сурудҳои оҳангсоз Қудратулло Яҳёзодаро медонед?*
*Сурудҳои азёдшудаи оҳангсозро такрор ва зарби мусиқиро бо қарсак ифода кунед.*

# ҚОҚУ

**Оҳанги Қудратулло Яҳёзода** **Шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода**




I

Пар-пар зада гул
Чун рӯйи Хумор,
Бишкуфта чаман
Хуршеди баҳор.

II

Як дона ба ту,
Як дона ба ман.
Хуршеди баҳор
Дар боғу чаман.

**Нақарот:**

Қоқу сари раҳ,
Қоқу лаби ҷар,
Хуршеди баҳор
Тобад ба назар.



?! *Мусиқӣ ба шумо маъқул шуд?*

## Расм-чистон

Ин бинои кадом театр аст? Дар борааш нақл кунед.



## Фарқи машқҳои I ва II-ро гӯед.



Машқи I



Машқи II

## Машқро аз рӯйи нота сароед:



?!

*Чаро ин биноро театр меноманд?*
*Дар шаҳри Душанбе чанд театр ҳаст?*
*Ҳангоми иҷрои машқ аломати V – нафасгириро риоя кунед.*

# КРОССВОРДИ МУСИҚӢ

### Шарҳи бозӣ

Хонандагон бо истифодаи ҳарфҳои калимаҳои «лига» ва «диез» номҳои нотаҳо ва созҳои мусиқӣ сохта, катакчаҳоро пур мекунанд.











Эзоҳ: Хонандае, ки аввалин шуда катакчаҳоро пур карда, нотаҳои ёфтаашро дар фортепяно нишон дода, амалан онҳоро иҷро мекунад, ғолиб дониста мешавад.

**?!** *Аломатҳои «лига» ва «диез»-ро дар ёд нигоҳ доред.*

# СОЗИ МУСИҚӢ – СЕТОР



Сетор сози тории бадахшонист, ки бо мизроб (нохунаки оҳанин) менавозанд. Косахонааш мурудшакл аст. Барои мавҷнокии садо 5–6 сӯрох дорад. Торҳояш симин аст.

Сеторро дар водии Рашт (Рашт, Тоҷикобод, Обигарм) танбӯр мегӯянд. Баъзан аз рӯйи шумори торҳояш панҷтор, шаштор ва ғайра ҳам меноманд.

?! *Сеторро бо чӣ менавозанд?*

**Расм-чистон**



Ин созӣ мусиқӣ чӣ ном дорад?



*Дар расм кадом бино тасвир шудааст.*




Як нотаи нимпурра ба чанд чорякӣ баробар аст?




**Машқро иҷро кунед:**



**?!** *Нотаи нуқтадор чӣ тавр шуморида мешавад?*

# ТОБИСТОН

Оҳанги Қудратулло Яҳёев

Шеъри Убайд Раҷаб

## Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:







Ҳар ҷое користон аст,
Он ҷо бувад ҷойи мо,
Оғуши кӯҳистон аст,
Манзилу маъвои мо

**Нақарот:**
Тобистон, эй тобистон,
Эй фасли хушу зебо.
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

Бар роҳу бар сари мо
Нур афшонад Офтоб,
Дар меҳнат чун падарҳо
Худро диҳем обутоб.

**Нақарот:**
Тобистон, эй тобистон,
Эй фасли хушу зебо.
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

?! *Тобистон чӣ гуна фасл аст? Зарби сурудро бо қарсак ифода намуда, онро иҷро кунед.*

# БОЗИИ МУСИҚӢ: ДО, РЕ, МИ




**До**-ро, ки акнун донед,
**Ре**-ро низ хуб хонед,
Бо садои **До**-ю **Ре**
Машқи овоз сароед.




Реша гӯед **Ре** - ояд,
Фаромӯшаш набояд.
Дар поёни нотагоҳ
Хубу хушрӯ намояд.



**Ми**-ро ҳама медонад?
Кӣ навишта метвонад?...




## Машқро иҷро кунед:



**?!** *Калимаҳое ёбед, ки дар онҳо номи нотаҳои мусиқӣ бошанд.*

# ТАЪТИЛ

**Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ**

Як давраи таҳсил гузашт,
Як соли пурҳосил гузашт,
Аз хониши аълои мо
Имсол ҳам хушдил гузашт.

Бар мо дами таътил расид,
Айёми табъи дил расид.



Дар мисраъҳои шеърӣ номи кадом нотаҳои мусиқӣ омадааст? Онҳоро ба тақтеъҳои нотагоҳ нависед:



?! *Ба мисраъҳои шеъри шоир Ҷӯра Ҳошимӣ оҳанг эҷод кунед. Мусиқӣ бояд дар андозаи 6/8-и (рақсӣ) бошад.*

**Расм–чистон**





Сарак, даста ва думчаи нотаро нишон диҳед.



Ин оҳанги кадом суруд аст? Онро кӣ навиштааст?



Ин аломатҳо чӣ ном доранд?




Ин расми кадом оҳангсоз аст?



Нотаҳои нонавиштаро номбар кунед ва онҳоро дар нотагоҳ нависед.

# ПАХТА

**Оҳанги Яъқуб Сабзанов** **Шеъри Саидалӣ Вализода**

**Tempo di Valse** (бо суръати валс)





Ҳамдами ширинсухан,
Бин, ки ба мо дар Ватан
Ризқи фаровон диҳад
Пахта аз ин пахтазор.

Бечуну ҳам бечаро
Ба дӯсти худ доимо
Сайри гулистон диҳад
Пахта аз ин пахтазор.

Ҳар, ки ба шавқ кор кунад,
Меҳнати бисёр кунад,
Онро ба эълон диҳад
Пахта аз ин пахтазор.

Ба қобили пешқадам,
Ба халқи тоҷик ҳам,
Номи зарафшон диҳад
Пахта аз ин пахтазор.



# ШАРИФ БОБОКАЛОНОВ

Оҳангсоз Шариф Бобокалонов соли 1910 дар шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст.

Аввалин асари Шариф Бобокалонов «Марши ғалаба» мебошад. Онро барои оркестри созҳои халқӣ соли 1936 навиштааст.

Мавзӯи эҷодиёти Шариф Бобокалонов басо гуногун аст: дар васфи Ватан, меҳнати мардуми заҳматкаш, сидқу вафо ва инсондӯстию ватанпарварӣ.

Ба Шумо суруди Шариф Бобокалонов «Кабӯтари ман»-ро барои омӯхтан пешниҳод менамоем.

?! *Кадом сурудҳои оҳангсоз Шариф Бобокалоновро медонед?*

# КАБӮТАРИ МАН

Оҳанги Шариф Бобокалонов

Шеъри Убайд Раҷаб

## Зарби оҳанги сурудро машқ кунед:




Болу парат кушо, биё,
Кабӯтари ман,
Нишин ба тори боми мо,
Кабӯтари ман.

Биё, биё, ки медиҳам
Дона бароят,
Биё, биё, ки кардаам
Лона бароят.

?!

*Суруд ба шумо писанд омад?*
*Кабӯтар рамзи чист?*

# ТУ-ТУ-ТУ-ТУ, МУРҒОНИ МАН

**Оҳанги Ҷӯрабой Охунов** **Шеъри Акбар Қодирӣ**




Биёед, мурғони ман,
Мурғони чаққони ман.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту,
Биёед ба лаби ҷӯ.
Биёед, ба шумоён
Медиҳам ман обу дон.
Шикамҳотон, ки сер шуд
Ба катак дароед зуд.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту.

Чун ҳаррӯза, вақти шом
Бираведхоби ором.
Саҳар суруд сароед,
Тухми бисёр намоед.
То ки очаам хезад,
Тухмбирёне пазад.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту,
Биёед ба лаби ҷӯ.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту.

# СОЗИ МУСИҚӢ – ҒИЖАК

Ғижак аз чор гӯшак ва чор тор иборат мебошад. Ғижакро бо камонча менавозанд. Ғижакро калиди мусиқӣ ҳам мегӯянд.



Савти **Сол**-ро агар мо
Нависем дар нотагоҳ,
Кӣ медонад ҷойи он?
Хеста нависед чаққон!

**Сол** бувад савти хушхон,
Ту асло ҳайрон намон,
Дар рӯйи хати дуюм
Оварда тезтар бимон.

*(С. Сатторов)*

______________________5
______________________4
______________________3
______________________2
______________________1

Барои аз рӯйи нота сароидан баландии садои онҳоро донистан лозим аст. Барои муайян кардани онҳо калиди мусиқӣ дастур медиҳад. Калиди мусиқӣ дар аввали нотагоҳ кашида шуда, нотаи сол-ро ифода мекунад.

**?!** *Калиди мусиқиро дар аввали нотагоҳ нависед.*

# ДАР ИДИ ТОҶИКИСТОН

**Оҳанги Миратулло Атоев** **Шеъри Муҳиддин Фарҳат**




II

Байрақчаҳо парафшон,
Рухсораҳо дурахшон,
Ҳар кӯча чун гулистон,
Шуд сайргоҳи инсон.

**Нақарот:**

Пиру ҷавон ғазалхон
Дар иди Тоҷикистон.

III

Тобанда бахту иқбол,
Ҳар кас далеру хушҳол,
Рӯзу шабу маҳу сол
Моро фурӯзад омол*.

**Нақарот:**



*омол – амалҳо

?! *Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кай ҷашн мегирем?*

# ДОНОӢ

**Шеъри Ҷӯра Хошимӣ**

Аз хобакат саҳар хез.
Медонамаш, падарҷон!
Бо дасти рост бархез.
Медонамаш, падарҷон!

Покиза дасту рӯ шӯй.
Медонамаш, падарҷон!
Пас шукри рӯзи нав гӯй.
Медонамаш, падарҷон!

Як «Хайр!» гӯ, чу рафтӣ.
Медонамаш, падарҷон!
Ҳушёр шав, наафтӣ!
Медонамаш, падарҷон!

Бо роҳи худ бирав рост.
Медонамаш, падарҷон!
Дар оши кас машав мост.
Медонамаш, падарҷон!

Пеш  аз сухан биёндеш.
Медонамаш, падарҷон!
«Медонамаш» нагӯ беш.
Медонамаш, падарҷон!



Найро чӣ тавр менавозанд?



Рубобро чӣ?



?! *Мазмуни шеърро нақл кунед. Аз ҷумлаҳои шеър номи нотаҳоро ёфта дар нотагоҳ нависед.*

**Ба толори консертӣ меравем**



# БАРНОМАИ КОНСЕРТ

**а) Иҷрои сурудҳо:**

- «Ватан» (оҳанги Ш. Сайфиддинов);
- «Қаҳрамон мешавам» (оҳанги Ф. Шаҳобов);
- «Кабӯтари ман» (оҳанги Ш. Бобокалонов).

**б) Санҷиши қобилияти шунавоӣ ва инкишофи он:**

- «Қоқу» (оҳанги Қ. Яҳёев);
- «Ту-ту-ту-ту, мурғони ман» (оҳанги Ҷ. Охунов);
- «Дар иди Тоҷикистон» (оҳанги М. Атоев);
- «Офтобаки хандонрӯ» (оҳанги Ш. Сайфиддинов).

**в) Санҷиши қобилияти эҷодӣ оид ба маърифати мусиқӣ:**

- аломатҳои ***бекар, диез, бемол;***
- нотаҳои нисфӣ, чорякӣ ва ҳаштякӣ;
- аниқ намудани сарак, даста ва думчаи нотаи мусиқӣ, инчунин бо номи нотаҳо ёфтан ва навиштани номҳо.

# ВАТАН

**Оҳанги Тоҳирҷон Аюбов** **Шеъри Бӯрӣ Каримов**




Хоки ту чун зар аст,
Санги ту гавҳар аст,
Рӯят чӣ дилбар аст,
Эй боғу эй чаман,
Ватан, Ватан, Ватан!

Хоку ҳавои ту,
Обу самои ту,
Сидқу сафои ту
Ҷон бахшадам ба тан,
Ватан, Ватан, Ватан!

# ТОҶИКИСТОН

**Оҳанги Саидқул Билолов** **Шеъри Низом Қосим**



# НАВРӮЗ

Оҳанги Ҷӯрахон Обидпур Шеъри Некрӯз Ҷӯрахонзода




Наврӯзи диёр омад,
Дар фасли баҳор омад,
Дар мавсими кор омад, (2 бор)
Наврӯз муборак бод!

Ҳам зеби чаман – Наврӯз,
Ҳам зеби Ватан – Наврӯз,
Дар дашту чамаш – Наврӯз, (2 бор)
Наврӯз муборак бод!

# МУНДАРИҶА

Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ................ 4
Шарофиддин Сайфиддинов ................ 7
Баҳои аввалин ................ 8
Кишвари зебои ман ................ 9
Забони тоҷик ................ 11
Чашма ................ 13
«Офарин» ................ 14
Фирӯз Баҳор ................ 16
Шаҳри Душанбе ................ 17
Қатаровоз ................ 19
Парчам ................ 20
Ҳафт овози мусиқӣ ................ 22
Сози мусиқӣ – панҷтор ................ 23
Амирбеки Мӯсо ................ 24
Даври хуш ................ 25
Театр оинаи зиндагист ................ 26
Тоҷикистон ................ 29
Лига ................ 30
Таваққуф ................ 31
Мизонҳои содатарин ................ 32
ҶӮрабой Охунов ................ 33
Чароғаки роҳнамо ................ 34
Фермата ................ 36
Мехонем аъло ................ 37
Соли нав ................ 39
Арчаҷони мо ................ 40
Дарс–консерт ................ 41
Аломати «Такрор» ................ 42
Кай аскарӣ меравам? ................ 43
Сози мусиқӣ – чанг ................ 45
Мактабам ................ 46
Сози мусиқӣ – дутор ................ 47
Фалак ................ 48
Тобишҳои динамикӣ ................ 49
Абр омад ................ 49
Наврӯз муборак ................ 50
Диез ................ 51
Наврӯзӣ ................ 52
Гули наврӯз ................ 54

Дарёи Варзоб ........ 55
Майдони муъҷизот ........ 56
Яъқуб Сабзанов ........ 58
Шаҳри азиз ........ 59
Созҳои мусиқии нафасии базмӣ сурнай ва карнай ........ 60
Китоб – дӯсти азиз ........ 61
Аломати бемол ........ 62
Ҳарфҳои мусиқӣ ........ 64
Шамолак ........ 65
Офтобу одоб ........ 66
Миратулло Атоев ........ 68
Модари ҷон, модарам ........ 69
Бойчечак ........ 70
Мактаби мо ........ 71
Сози мусиқӣ – най ........ 72
Зиёдулло Шаҳидӣ ........ 74
Иқболи баланди мо ........ 75
Кроссворди мусиқӣ ........ 76
Сози мусиқӣ – рубоб ........ 77
Обаки ширини мо ........ 78
Кроссворди мусиқӣ ........ 79
Қудратулло Яҳёзода ........ 80
Қоқу ........ 81
Кроссворди мусиқӣ ........ 83
Сози мусиқӣ – сетор ........ 84
Тобистон ........ 86
Бозии мусиқӣ: до, ре, ми ........ 87
Таътил ........ 88
Пахта ........ 90
Шариф Бобокалонов ........ 92
Кабӯтари ман ........ 93
Ту-ту-ту-ту, мурғони ман ........ 94
Сози мусиқӣ – ғижак ........ 95
Дар иди Тоҷикистон ........ 96
Доноӣ ........ 97
Дарс–консерт ........ 98
Ватан ........ 99
Тоҷикистон ........ 100
Наврӯз ........ 101

Сатторов Сафаралӣ, Охунов Ҷӯрабой,
Яҳёев Муҳаммадҷон, Алиев Асрор

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Муҳаррири мусиқӣ**
Б. Яхшиев

**Муҳаррири ороиш**
И. Ғаниев

**Мусаҳҳеҳон:**
М. Саидова, К. Қодиров

**Тарроҳон:**
В. Казберович, И. Сатторов

---

Ба чоп 25.10.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 70x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 6,5.
Адади нашр 100000 нусха. Супориши №17.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.

Китоб дар ҶСК «Матбуот» ба чоп расидааст.
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

9 789997 592811